# МАСЪАЛАИ ХУДКУШИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Марамов Р.Д.** ассистенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нависанда, файласуф ва идеологи ҳаракати феминистии француз Симона де Бовуар менависад, ки агар одамон даст ба худкушӣ зананд, пас аз марг ҳам боз чизи бадтар вуҷуд доштааст. Ба ақидаи ин донишманд худкушӣ – ин заифӣ ва зуҳуроти оҷизии равонии инсон аст. Худкушӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон дар назди мушкилоти зиндагӣ оҷиз монда таслим мешавад. Худкушӣ ҷасоратро талаб намекунад, балки он зоҳиршавии тарсӯӣ ва оҷизии инсон дар зиндагӣ аст. Худкушӣ мушкилоти ҳама давру замон буд ва боқӣ мемонад ва ин зуҳурот дар байни ҳамаи аҳолии ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан наврасону ҷавонон торафт меафзояд. Мувофиқи ахбороти Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар ҳар як 40 сония дар ҷаҳон як нафар ва дар як сол то 800 000 нафар бо худкушӣ ҷони худро аз даст медиҳанд[1].

Ҳарчанд дар аксарияти давлатҳо барои пешгирии ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ барномаҳои мушаххас ва нақшаю стратегияҳо кор карда баромада шуда бошанд ҳам, аммо мутаассифона то ба ҳол ин масъала роҳи ҳалли худро пайдо накардааст. Махсусан, динҳо, ки ба ҳаёти шаҳрвандон таъсири назаррас доранд, худкуширо маҳкум менамоянд, аммо эътиқоди қавии динӣ низ пеши роҳи худкуширо гирифта натавонист, зеро ҳамасола дар ҷаҳон ҳазорҳо нафар бо ин тариқ ҷони худро аз даст медиҳанд ва чандин нафар дигар ашхосони наздикашонро дар ҳолати маъюси ва шармандагӣ мегузоранд.

Бояд таъкид намоем, ки аввалин маротиба бо равиши сотсиологӣ ҳодисаи худкушӣ асосгузори суитсидология, сотсиологи фаронсавӣ Эмил Дюркгейм таҳқиқ намудааст. Ӯ соли 1897 дар асари худ "Худкушӣ" аввалин маротиба худкуширо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ баҳо медиҳад ва

[1] https://www.who.int/features/qa/24/ru/

китоби ӯро аввалин намунаи тадқиқоти сотсиологӣ номидан мумкин аст. Э. Дюркгейм боварӣ дошт, ки худкушӣ на сабабҳои психологӣ, балки сабабҳои иҷтимоӣ дорад ва омилҳои онро аз ҳаёти иҷтимоии инсонҳо ҷустуҷӯй намудан лозим аст. Ба ақидаи Э. Дюргейм маҳз шуури ҷамъиятӣ одамонро ба содир намудани амалу рафторҳои гуногунӣ иҷтимоӣ, аз ҷумла худкушӣ таҳрик медиҳад. Э. Дюркгейм сабаби асосии худкуширо дар танҳо мондани инсонҳо мебинад. Ҳол он ки психологҳо сабаби асосии худкуширо дар бемории рӯҳӣ мебинанд. Аммо тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки то 85%-и шахсони қасди худкушӣ намуда одамони солиманд. Бартарии тадқиқоти Э. Дюргейм дар он зоҳир мешавад, ки ӯ ба сифати далел на муҳокимаҳои абстрактӣ, балки маълумотҳои оморӣ ва ахбороти тадқиқоти сотсиологиро истифода мебарад[2].

Барои Тоҷикистон низ масъалаи худкушӣ масъалаи нигаронкунанда арзёбӣ мешавад. Мувофиқи ахбороти расмии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурӯстӣ вобаста ба ҳодисаи худкушӣ Тоҷикистон дар соли 2016 дар байни 219 давлати дунё бо нишондиҳандаи 1,6 нафар ба ҳар 100 ҳазор аҳолӣ (126 нафар дар соли 2011) ҷойи 47 ро мегирад[3].

Соли 2015 бо мақсади омӯхтани падидаи худкушӣ, сабабҳо, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои коҳиш додани он дар байни ҷавонон намояндагони «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»-и Кумитаи ҷавонон ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкори бо кормандони кафедраи сотсиологияи ДМТ ва шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсташиносии АИ ҶТ

---

[2] Дюркгейм Э. Самоубийство. Социологический этюд / Пер. с фран. с сок.; Под. ред. В.А. Базарова. – М.: Мысл, 1994. – 399 (1) с.

[3] Вопрос и ответы о самоубийствах // Всемирная организация здравоохранения https://www.who.int/features/qa/24/ru/

тадќиќоти сотсиологӣ гузарониданд[4]. Дар тадқиқот 1000 нафар респондентони ҷавони аз **14 – 30 солаи ш. Душанбе, НТҶ, вилоятҳои Хатлон, ВМКБ ва Суѓд иштирок намуданд.** Тадќиќот тавассути методи анкетаи сотсиологӣ гузаронида шуд. Интихобномаи тадқиқоти сотсиологӣ репрезентивӣ буд.

Мувофиқи омори расмӣ дар 4 моҳи соли 2019 дар умум 191 нафар худкушӣ кардааст, ки аз ин шумора 88 нафарро занон ташкил медиҳанд. Аз он ҷумла: ВМКБ- 1 нафар зан; Хатлон – 30 нафар зан, Суғд – 42 нафар зан; шаҳри Душанбе- 2 нафар зан; ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 13 нафар зан[5]. Аммо дар афкори омма чунин ақида ҳукумрон аст, ки ба худкушӣ дар Тоҷикистон бештар занон даст мезананд. Ин аќидаро натиҷаҳои тадќиќоти сотсиологӣ бори дигар собит менамояд. Масалан, мувофиқи натиҷаҳои тадқиқот 83% - и пурсишшавандагон ба ин андешаанд, ки ба худкушӣ бештар занон даст мезананд.

**Диаграммаи 1. Ҳолатҳои худкушӣ бештар дар байни киҳо рух медиҳад (n=1000, %)?**

---

[4] **Шарҳи вазъи худкушии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //** Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»-и Кумитаи ҷавонон ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – 42 с.

[5] Щалли мушкилоти иҷтимоӣ – ҳадафи меҳварии пешвои миллат // Дин ва ҷомеа http://www.jomea.tj/tj/node/203 (26.06.2019)




Омилҳои зиёди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва равоние вуҷуд доранд, ки боиси ба худкушӣ даст задани ягон ҷавон мегардад. Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ бо истифода аз методи таҳлили ҳуҷҷатҳо ва мониторинги ВАО дар маҷмӯъ чунин сабабҳои даст ба худкушӣ задани ҷавононро номбар намудан мумкин аст:

- Масъалаҳои ҳаётие, ки ҷавонон бо нерӯи худ ва мустақилона аз ӯҳдаи ҳалли онҳо намебароянд ва ниёз ба дастгирию кӯмак доранд. Яъне ҷавонон бо мушкилиҳои худ танҳо мемонанд, худбаҳодиҳияшон паст мегардад, аз тарафи волидон ва аъзоёни оила муҳаббату дӯстдорӣ ва таваҷҷӯҳро ҳис намекунанд ва роҳи халосӣ аз ин мушкилиҳоро дар худкушӣ мебинанд. Маҳз ҳал нагардидани ин мушкилиҳо ҷавононро ба парешонҳолию афзурдаҳолии равонӣ ва худкушӣ оварда мерасонад. Баъзе аз ҷавонон ҳатто тасаввур карда наметавонанд, ки онҳо абадан мемиранд. Онҳо тавассути худкушӣ ҳисси афсусу надомат ва таассуфу таваҷҷӯҳи атрофиёнро бедор кардан мехоҳад.;
- Мушкилиҳои иқтисодӣ ва молиявии ҷавонон, ки бо сабаби камбизоатии оила, бекорӣ, муфлисшавӣ дар соҳибкорӣ, қарздорӣ ва ғайраҳо алоқамандӣ доранд;

- Низоъҳои оилавӣ ва байнишахсӣ. Зӯроварӣ дар оила. Имрӯз низоъҳои оилавии байни ҳамсарон, байни волидону фарзандон, байни аъзоёни оила, махсусан, бародарону хоҳарон, байни келину хущдоман, келину хоҳарони шавҳар боиси худкушии ягон аъзои оила, махсусан, келин ё духтарони хона мегардад;
- Хиёнати яке аз ҳамсарон, махсусан, хиёнати шавҳар ба зан таъсири шадиди равонӣ мерасонад;
- Аз даст додани шахси наздик ё мушкилиҳо дар муносибатҳои байнишахсӣ
- Мунокишаҳои байни писару духтари ҷавон, ки бо якдигар муносибат доранд.
- Бемориҳои табобатнашаванда, нашъамандӣ, майхорагӣ ва дигар намудҳои вобастагиҳои равонӣ.
- Дар атрофи шахс паҳн шудани ҳар гуна овозаю тӯҳматҳо, ошкор шудани сирру асрори шахсӣ ва ягон кирдори ношоямӣ ҷавон;
- Тарсу изтироб ва таҳдидҳо. Махсусан, баъзе аз духтарони ҷавоне, ки то шавҳар кардан бо нафаре муносибат доштанд ва фиреб хӯрдаанд, бо сабаби ошкор нашудани сирри худ қасди худкушӣ менамоянд;
- Гум шудани марому мақсад ва маънии зиндагӣ, якрангии ҳаёт, амалӣ нагаштани нақшаҳои ҳаётӣ ва нобарориҳо дар фаъолият ва амсоли инҳо.

Мувофиқи натиҷаҳои тадқиқот сабабҳои асосии ба худкушӣ даст задани ҷавонон низоъҳои оилавӣ (65,7%), ҷудошавии ҳамсарон (64,9%), мунокишаи (низоъи) байни ду маҳбуба (64,4%), мушкилоти молиявӣ, аз ҷумла қарздорӣ ва муфлисшавӣ (53,6 %), бемориҳои вазнин, мисли бемории ВИЧ/СПИД, касали сил, саратон ва ғ. (50%), тӯҳмат ва паҳн шудани овозаҳои бардурӯғ (45,5%), танқиду маломатҳои пайдарпайи волидон ва дигар аъзоёни оила (37,4%), оҷиз мондан дар ҳалли мушкилоти зиндагӣ (30,0%), паҳн шудани сиру асрори шахс (асосан кирдорҳои манфӣ) дар байни ҳамсабақон, дӯстон ё аҳлу байташ (17,2%),

симои зишту безеб доштан, махсусан дар байни бонувон (15,7%) мебошанд.

**Диаграммаи 2. Сабабҳои ба худкушӣ даст задани ҷавононро дар чӣ мебинед? (n=1000, %)?**




Худкушӣ барои ҳар як оилаи тоҷик ин худ як фоҷиа ва бадбахтӣ аст, зеро ҳаёти як ҷавон барбод меравад ва баъдан, боиси ғаму андуҳ ва сарпастию маломати волидону аъзоёни оила мегардад. Новобаста аз сабабҳои сар задан худкушӣ ба оила тамға мегузорад, атрофиён бо оилаҳое, ки аъзояшон худкушӣ намудааст, бо шубҳа ва эҳтиёт муносибат менамоянд ва дар алоҳидагӣ онҳоро маҳкум мекунанд.

Худкушӣ сифати биологӣ, табиӣ ва ирсию ботинии шахс нест. Он дар натиҷаи муносибату робитаҳои иҷтимоӣ сар мезанад. Хоҳиши

худкушӣ намудан гузаранда аст, ҳатто дар умқи шуури шахсони аз ҳаёт безоргардида низ дилбастагӣ ба зинда мондан вуҷуд дорад. Аз ин сабаб, ҳодисаи худкуширо пешгирӣ намудан мумкин аст ва мо чунин тавсияҳо ва пешниҳодҳо дорем:

- Барои чораҳои муассир андешидан дар самти пешгирии худкушӣ дар Тоҷикистон нахуст бояд ба омори расмӣ ва воқеии шумораи ҳодисаи худкушӣ таваҷҷӯҳ дода шавад, зеро баъзе аз ҳодисаҳои худкушӣ ба омори расмӣ роҳ намеёбанд. То омори дақиқ ва пурраи ин падидаи иҷтимоӣ вуҷуд надошта бошад, тадбирҳои андешидашуда натиҷаҳои дилхоҳ намедиҳанд.
- Мувофиқи натиҷаҳои таҳлили маълумотҳо дар минтақаҳое, ки алоқаҳои анъанавӣ миёни волидону фарзандон ва аъзоёни дигари оила мустаҳкам ҳастанд, шумораи худкушӣ камтар дида мешавад. Махсусан, наврасону ҷавонон, ки ҳоло таҷрибаи ҳалли мушкилиҳои зиндагиро надоранд ва давраи гузариши ҳётии худро аз сар мегузаронанд, бояд зери таваҷҷуҳи волидон ва дигар аъзоёни оила қарор гиранд. Мо бояд наврасону ҷавононро бо олами хаёлиашон бо баҳонаи серкор будан ва вақт надоштан танҳо нагузорем. Ба онҳо имконият диҳем, ки озодона дар бораи мушкилиҳояшон бо мо суҳбат намоянд. Ҳар падару модар барои аз ҳолу аҳволи фарзандонашон доимо хабардор шудан бояд вақт ҷудо намояд ва ба фарзандонаш арзиши ҳаёт, муваққатӣ ва гузаранда будани мушкилиҳои зиндагиро фаҳмонад.
- Агар дар ҷавоне, ки нишонаҳои майли худкушӣ ошкор карда шавад, бояд аз тарафи атрофиён ва махсусан, аъзоёни оила пинҳонию ошкоро бояд ҳар як рафтору амалаш зери назорати ҷиддӣ қарор гирад;
- Кӯмаки психологӣ барои пешгирии худкушии ҷавонон мусоидат менамояд. Мутаассифона, дар шаҳрвандони Тоҷикистон ҳанӯз маданияти муроҷиат ба кӯмаки равоншинос қариб шакл нагирифтааст ва аз хизмати онҳо қариб истифода намебаранд.

Рисолати психологҳоро дар Тоҷикистон ба таври ғайрипрофессионалӣ, ғайриилмӣ ва хурофотӣ ба ном муллою фолбинҳо, дилбинҳо ва дигар авомфиребону қаллобон иҷро менамоянд. Вақти он расидааст, ки тавассути ВАО манфиат ва аҳамиятнок будани ташхисҳо ва кӯмакҳои психологиро ба аҳолӣ фаҳмонида шавад.

- Барои пешгирии паҳншавии ҳодисаи худкушӣ бояд тавассути ВАО, рӯҳониён, шахсони бонуфузи ҷомеа корҳои ташвиќотию тарғиботӣ ва машваратӣ таќвият дода шаванд. Дар оилаҳои тоҷик муносибатҳои байни аъзоёни оила на он қадар хуб аст. Солҳои охир худкушии занони тоҷик, махсусан келинҳои хонадон бо фарзандони худ ба мушоҳида расид. Вақти он расидааст, ки ба келинҳои хонавода на ба хизматгор, балки ба шахси комилҳуқуқ ва озоди оила муносибат карда шавад;
- Дар сатҳи давлатӣ қабул намудани Барномаи давлатии пешгирии ҳодисаи худкушӣдар Тоҷикистон.